«Тасдиқ мекунам»

Ректори Муассисаи давлатии таълимии

«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

профессор Усмонзода А.И. ______________

«__31__» ______03______ 2023 с.

# ХУЛОСАИ

## кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика**)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таълимоти касбӣ дар кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисолаи илмӣ Шарипова Ф.А. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият бурдааст.

Шарипова Ф.А. соли 2002 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси “Математикаи амалӣ” хатм намуд. Аз соли 2009 то ин дам дар кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии ин боргоҳи таълим ба ҳайси сармуаллима фаъолият мебарад.

Роҳбари илмӣ Файзиев Исматилло Давлатович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мебошад.

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Шарипова Ф.А. таҳти унвони «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Тағйироте, ки дар ҷаҳони муосир ба вуқӯъ мепайвандад, дар назди ҷомеа талаботҳои навро нисбат ба тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи маориф тақозо мекунад. Барои он, ки салоҳияти касбии омӯзгори оянда ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошад, бояд дар марҳилаи таҳсил дар донишгоҳ омода карда шавад. Таҳқиқоти мо ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори математика тавассути ҳамгироии фанҳо, ҷиҳатҳои назариявии омӯзиши моҳияти ин муаммо баён карда шударо тафтиш мекунад.

Вобаста ба ин, дар марҳалаи муосири низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи риёзиёт равона карда шудаанд. Бо назардошти аҳамияти ин муаммо ва тақвият бахшидан ба нерӯи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020 – 2040 – ро бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намуда, инчунин, ҷиҳати амалисозии ин иқдом доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи «Илм – фурӯғи маърифат» қарор қабул кард. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, дар айни замон, оламӣ педагогӣ дар ҷустуҷӯи мундариҷаи нави таълим мебошад.

Дар рисола дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ба воситаи саволномаҳо, кори санҷишӣ ва тестҳо ҷузъҳои асосии ташаккули салоҳияти омӯзгори оянда бомуваффақият дар кор таҳлил карда шудаанд.

Дар рисола кӯшиши ҷустуҷӯи шароитҳое. ки ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда мусоидат менамояд, пешниҳод карда шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади тадқиқот таҳияи методологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо мебошад.

Пажӯҳиши мазкур ҳалли масъалаҳои зеринро пеш гузоштааст:

1. Муайян намудани мазмун ва сохтори ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо;

2. Муайян намудани ҷанбаҳои методологии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо;

3. Шароитҳои педагогӣ ва ҷорӣ намудани равишҳои асосии дидактикии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо такмил ва татбиқ карда шаванд;

4. Таҳия ва санҷидани технологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола.**

- Дар равшан намудани моҳияти ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ҳамчун ҷузъи салоҳияти педагогӣ мебошад. Салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математикаро тавассути ҳамгироии фанҳо ҳамчун салоҳияти педагогӣ муайян мекунем, ки қобилияти ҳалли масъалаҳои касбиро

таъмин намуда, сохтори онро фарҳанги касбӣ, тафаккури касбӣ, эҷодиёти касбӣ муайян мекунад;

- Ба низом даровардани андешаҳо оид ба равишҳои гуногун ба мазмуни консепсияи салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика (дониш дар соҳаи дидактика, усулҳои таълими фан, ҷузъҳои таркибӣ, робита бо салоҳиятҳои асосӣ) мебошад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки:**

- технологияи салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо ҷорӣ карда шуд;
- равишҳои методӣ оид ба салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва татбиқ карда мешаванд;

дастури методӣ оид ба салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва нашр шудааст.

Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии тадқиқот аз инҳо иборат аст:

- мазмун ва сохтори ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи риёзӣ тавассути ҳамгироии фанҳо муайян карда шуд;
- ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо муайян карда шуд;
- шартҳои педагогӣ ва равишҳои асосии дидактикии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи риёзӣ тавассути ҳамгироии фанҳо мушаххас ва амалӣ карда шуданд;
- амсилаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳия ва санҷида шуд.

**Муқаррарот оид ба дифоъ:**

1. Салоҳияти касбии омӯзгориояндаи математика мафҳуми ягонагии диалектикии хислатҳои касбӣ ва шахсӣ мебошад, ки барои бомуваффақият амалӣ намудани фаъолияти касбӣ ва педагогӣ имкон медиҳад. Салоҳияти касбии омӯзгор-математик, ки аз се ҷузъи асосӣ

(касбӣ-муҳтаво, касбӣ-фаъолият, касбӣ-шахсӣ) ифода меёбад, дониш, маҳорат ва малакаҳоеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти касбӣ-педагогӣ-психологӣ мутобиқи ҳадафҳои он зарур буда, хусусиятҳои шахсии омӯзгориояндаи математика мебошад.

2. Ташкили таълими омӯзгориояндаи математика бо роҳи ҳамгироии фанҳо дар фанҳои сиклӣ ба ташаккули салоҳияти касбӣ мусоидат намуда, имконияти ташаккули донишу малакаи умумии педагогиро медиҳад.

3. Салоҳияти касбии омӯзгориояндаи математика бо роҳи ҳамгироии фанҳо дар ягонагии интегративии донишу малакаҳои педагогӣ ва махсус ҷойгир буда, бо меъёрҳои зерин муайян карда мешавад: қобилияти муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ; қобилияти интихоби шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ноил шудан ба ҳадаф; қобилияти амалии назорат ва худбаҳодиҳии амалиёти педагогии худ аст. Салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика бо роҳи ҳамгироии фанҳо бо се дараҷаи инкишофи он (баланд, миёна, паст) тавсиф мешавад.

4. Низоми шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти касбии муаллимиояндаи математика тавассути ҳамбастагии фанҳо инҳоро дар бар мегирад:

– самти касбию педагогии таълими фанҳои махсус;

- самт ба рушди таҷрибаи худомӯзӣ ва мустақилияти донишҷӯён;

- истифодабарии шаклхои гуногуни машғулиятхо (индивидуалӣ, дарсҳои кушод) дар раванди тайёрии касбии омӯзгориояндаи математика бо роҳи хамгироии фанҳо;

5. Самаранокии фаъолияти амсилаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика бо роҳи ҳамгироии фанҳо бояд бо риояи шартҳои ташкилию педагогии зерин таъмин карда шавад:

- муттаҳидсозии мундариҷаи курсҳои математика;

- ташаккули соҳаи ҳавасмандии шахсияти омӯзгори ояндаи математика дар асоси арзишҳои педагогӣ;

-таъмини азхудкунии донишҳои математикӣ дар ягонагии ҷиҳатҳои фаннӣ ва амалии онҳо;

-таъмини мониторинг ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои таълим аз ҷониби омӯзгор ва донишҷӯён;

Мазмун ва мӯҳтавои пажӯҳиш дар 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 мақола дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмиллалӣ арзёбӣ шудаанд.

Кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи номзадӣ таҳти унвони **«Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо** (дар мисоли **фанҳои математика ва физика**)», ки ба меъёр ва талаботҳои Низомномаи тартиб додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад, аз лиҳози мазмун ва мӯҳтаво бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад.

Иштирок доштанд: **16** нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест , «бетараф» - нест.

Қарори № 8 аз « 31 » марти 2023 с.

**Мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Раҷабова С.Ҷ.**

Котиби кафедраи методикаи таълими
математика ва технологияи иттилоотии
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Латифӣ М.

Имзои Раҷабова С.Ҷ. ва Латифӣ М.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврузов Э.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1
тел.: + 992(3422) 6 52 73